Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

9 апрели соли 2022
Шанбе
№ 28 (14833)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# КОРҲОИ НЕКИ РЎЗҲОИ МОҲИ МУҚАДДАС



**Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев 8 апрел бо корҳои сохтмони ҷорӣ ва ҳамчунин ободонии маҳаллаҳои ноҳияи Олмазори пойтахт шинос гардид.**

15 июни соли 2018, зимни иди Рамазон, Президент хишти аввали пойгоҳи Маркази тамаддуни исломиро гузошта буд. Роҳбари давлат дар яке аз рўзҳои муқаддаси Рамазон боз аз ин маҷмўа боздид намуд.

Ин марказ бо масоҳат ва муҳтавои худ ҳайратовар аст. Сохтмони он қариб чор сол аст, ки идома дорад. Он аз се ошёна иборат буда, бинобар намунаи ёдгориҳои қадимаи таърихии халқамон сохта шудааст. Дар маркази бино гунбази бузург бо намуди симметрӣ аз чор ҷониб ҷойгир шудааст. Ҳоло корҳои ҷузъӣ бурда мешавад.

Президент Шавкат Мирзиёев кори анҷомёфтаро аз назар гузаронд. Дар ороиши бино ҷузъҳои ороишӣ ва намуди дилгармкунандаи мисли мадрасаҳои қадима истифода шудааст.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки на танҳо ба сифати сохтмони маҷмўа, балки ба муҳтавои он низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард.

– Мо ба ин ҷо, дар рўзи ҷумъаи моҳи муқаддаси Рамазон беҳуда наомадем. Ният дар ин моҳи дурахшон мустаҷоб мегардад. Солҳои охир мо озмоишҳои мураккабро пушти сар намудем. Дар ин ҷо кор қатъ нагардид. Мо онро барои чӣ месозем? То ки ҷаҳонбинӣ васеъ гардида, ифтихори мардумамон пурзўр шавад, бо аёниятҳои моддӣ нишон дода шавад, ки мо чӣ гуна халқи бузургем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки Маркази тамаддуни исломӣ иқтидори маънавию маърифатии халқи моро инъикос хоҳад кард.

– Соли гузашта мо дар Қашқадарё корхонаи Uzbekistan GTL-ро кушодем ва ба ҷаҳон қувваи иқтисодии мамлакатро нишон додем. Ин марказ таҷассумгари рамзи маънавӣ ва қувваи маърифатии мардумамон мегардад, – гуфт Президент.

Роҳбари давлат бо намунаҳои нигораҳо ва навиштаҷоти деворҳо шинос шуд. Мувофиқи мақсад будани дар сақфи дарвозаҳо сабт намудани оёте, ки ба сулҳу дониш ва тарбият ҳидоят менамояд, таъкид намуд.

Дар бораи қисмҳои асосии Маркази тамаддуни исломӣ маълумот дода шуд. Дар ошёнаи якум анбори музей, ҷой барои ҳифз ва таъмири дастхатҳои қадима ва осори антиқа, нашриёт ва дуконҳои китоб ҷойгир хоҳанд шуд.

Ошёнаи дуюм маҳалли асосии намоишгоҳии маҷмўа хоҳад гардид. Музейи таърихи ислом аз нўҳ қисм иборат хоҳад шуд. Дар маркази бино зери гунбади 65 метрӣ Қуръони усмонӣ – дурдонаи ҷаҳони ислом ҷойгир мегардад. Дар атрофи ин толор 8 қисми боқимонда – «Осиёи Марказӣ дар давраи тоисломӣ», «Паҳн гардидани ислом дар Осиёи Марказӣ», «Таълим», «Илм», «Меъморӣ ва шаҳрсозӣ», «Санъат ва ҳунармандӣ», «Анъанаҳо» ва «Эҳёи сеюм – Ўзбекистони Нав» ҷойгир мешаванд.

Дар ин ошёна маҷлисгоҳ барои 550 ҷой ташкил мегардад.

Президент аз қисми «Илм» боздид намуд, дар бобати васеъ ва мутаассир муаррифӣ намудани мероси олимони гузаштаи бузургамон тавсияҳо дод.

Роҳбари давлат ба ошёнаи сеюм баромада, аз сохтмони китобхона, кафедраҳои илмӣ ва коргоҳҳои маъмурии Академияи исломӣ боздид намуд.

Президент Шавкат Мирзиёев аз маҳаллаи «Университет» дар ноҳияи Олмазор боздид намуд.

Татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ дар қисмати маҳаллаҳо – талаботи асосии роҳбари давлат аст. Дар маҳаллаи «Университет» кор ҳамин хел ташкил карда шудааст. Бинои ҷамоати шаҳрвандон ба тарзи замонавӣ таъмир гаштааст. Ҳавлиҳои биноҳо, майдончаҳои бачагон, роҳҳои дохилӣ бетонфарш буда, ба тўли 700 метр пайроҳаи велосипед сохта шудааст.

Моҳи ноябри соли гузашта лоиҳаи миллии «Макони сабз» оғоз ёфт. Роҳбари давлат таъкид кард, ки дар баробари ниҳолшинонӣ дар маҳаллаҳо ба вуҷуд овардани кўчаҳои токпарварӣ зарур мебошад. Бинобар ин дар маҳаллаи «Университет» дар кўчае ба тўли 750 метр сурихо кашида шуда, ниҳоли ток шинонда шуданд. Дар майдонҳои назди иморатҳои бисёрошёна гулҳои райҳон ва мирабилис шинонда шудааст.

Дар маҳалла беш аз 4 ҳазор нафар зиндагӣ мекунад. Намуд ва даҳлезҳои 19 иморати бисёрҳуҷра нав карда шуд. Дар ин ҷо инчунин мактаби хусусӣ барои 150 ҷой вуҷуд дорад. Ҷавонони маҳаллӣ ва занон дар беш аз 10 корхонаи хурд кор мекунанд.

Президент бо корҳое, ки дар маҳалла анҷом дода мешаванд, шинос шуд, бо фаъолон ва куҳансолон суҳбат кард.

– Пеш аз ҳама мехоҳам шуморо бо фарорасии Рамазон ва чунин симои ободу зебо гирифтани маҳаллаатон табрик намоям. Ин намунаи он аст, ки агар роҳбарон дар маҳалҳо кор кунанд, чунин ободонӣ мешавад. Пештар ҳоким дар бораи маҳалла вақте ёд мекард, ки агар дар ў хоҳиш пайдо шавад. Ҳоло акнун ҳамаи низомҳо дар маҳалла ҳузур хоҳанд дошт. Чаро? Барои он ки то ҳар як оила, ҳар як одам рафта расад. Ман мехоҳам, ки ин кор дар тамоми маҳаллаҳо тезонда шавад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Соли гузашта 579 маҳаллаи Тошканд 2 миллиард сўмӣ маблағ гирифтанд. Имсол ба ҳар яки онҳо боз ҳамин миқдор маблағ ҷудо карда мешавад.

Роҳбари давлат инчунин бо фаъолияти идораи ширкати хидматрасонии «Олмазор холдинг гранд», ки дар маҳалла фаъолият мекунад, шинос гардид.

Мисли дигар ҷойҳо, дар маҳаллаи «Университет» мушкилоти хидмати коммуналӣ вуҷуд дошт.

19 июни соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон қарорро «Дар бораи минбаъд такмил додани низоми идораи биноҳои бисёрҳуҷра» имзо кард. Ба шарофати имконоти нав ширкати «Олмазор холдинг гранд» таъсис ёфт, ки дар бинои дуошёнаи он шароити муносиб фароҳам оварда шудааст.

Ширкат ба 103 иморати бисёрҳуҷра ва 7 маҳалла хидмат мерасонад. Пеш ба ин биноҳо 27 ширкат хидмат мерасонд. Онҳо, ғайр аз директор, мутахассиси худ ва ҳамчунин таҷҳизоти махсус надоштанд. Ҳоло ҳозир дар ширкати хидматрасонӣ 70 ҷойи кори доимӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Техникаи махсус харид гаштааст. Дар бинои ширкат инчунин маркази таълими хидмати коммуналӣ кушода шудааст.

Ширкат соҳиби низоми биллинг мебошад. Барои қулаии аҳолӣ иловаи мобилии «Хонаи ман» роҳандозӣ гаштааст.

Ғайр аз ин дар бинои маъмурии ширкат, инчунин дар зербиноҳои иморатҳои бисёрошёна қариб 30 нуқтаи хидмати маишӣ ташкил карда шудааст. Президент бо кори онҳо шинос гардид.

Дар ин ҷо тақдимоти роҳбарони ширкатҳои хидматрасонӣ ба вуқўъ пайваст, ки онҳо дар ноҳияҳои Тошканд ташкил карда мешаванд.

Президент Шавкат Мирзиёев аз мактаб-интернати махсуси бачагони гаронгўши №102-и ноҳияи Олмазор боздид ба амал овард.

Ин муассиса соли 1966 ташкил ёфта, соли 2016 таъмир гаштааст. Ҳоло ҳозир дар ин ҷо 221 нафар таълим мегирад. Ба онҳо дефектологҳо ва педагогҳои соҳиби маълумоти олӣ дарс медиҳанд. Соли гузашта се нафар аз 21 хатмкунандаи мактаб ба мактабҳои олии таълимӣ дохил гардиданд.

Интернат 4 бинои таълимӣ, хобгоҳ барои 280 ҷой, ошхона, китобхона ва толорҳои варзишиву маҷлисӣ дорад.

Роҳбари давлат бо муаллимон суҳбат намуда, ҷараёни дарсро аз назар гузаронд.

Ба ҳокимияти шаҳри Тошканд таъмир намудани ошхона ва кабинети технологияи мактаб-интернат, ташкили маҷмўаи варзишӣ ва устохонаи истеҳсолӣ супурда шуд.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

(Давомаш дар саҳ.2).

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ДАСТГИРИИ ИШТИРОКДОРОНИ ФАЪОЛИЯТИ САВДОИ ХОРИҶӢ

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 28 январи соли 2022 №ФП-60 «Дар бораи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» ба мақсади такмил додани механизмҳои танзими савдои хориҷӣ, густариши содироти маҳсулоти арзиши иловагиаш баланд бо роҳи минбаъд пурзўр гардондани чораҳои дастгирии ҳамаҷониба ва ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротии субъектҳои соҳибкории ватанӣ:

1. Муқаррар карда шавад, ки **аз 1 апрели соли 2022:**

а) **то 1 апрели соли 2023:**

ба корхонаҳои ватанӣ (намояндагони ваколатдори онҳо) ҳангоми содироти **маҳсулоти арзиши иловагиаш баланд ба мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо** барои ҷуброни хароҷоти нақлиётӣ ба миқдори **то 70 фоиз** субсид дода мешавад;

ҳангоми содироти **маҳсулоти арзиши иловагиаш баланд, ки ба давлатҳои ҳамсоя содир карда мешаванд**, барои ҷуброни хароҷоти нақлиёт ба миқдори **то 50 фоиз** субсид дода мешавад;

б) **хароҷоти вобаста ба номнавискунии** мақомоти арзёбии мутобиқат аз ҷониби мақомоти оид ба номнавискунӣ, ки узви **созмони** байналмилалии **ILAC/IAF** мебошад, аз ҷониби Агентии пешбурди содирот ҷуброн карда мешавад;

в) андозаи пешпардохт, ки ҳангоми амалӣ намудани содироти молҳо аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ (ба истисноии намудҳои махсуси мол), кор ва хидматрасонӣ дар асоси ҳисобнома (инвойс) бидуни бастани шартнома **аз 100 фоиз то 50 фоиз кам карда мешавад**.

Комиссияи ҳукуматӣ оид ба масъалаҳои савдои хориҷӣ, сармоя, рушди саноати маҳаллӣ ва танзими техникӣ (Умурзоқов С.) (минбаъд – Комиссияи ҳукуматӣ):

**дар муддати ду ҳафта руйхати маҳсулоти арзиши иловагиаш баланд**, ки ҳангоми содироти он барои ҷуброни хароҷоти нақлиётӣ субсид пешбинӣ шудааст, тасдиқ карда шавад ва нашри мунтазами он дар **Портали ягонаи дастгирии содиркунандагон** (www.exportportali.uz) таъмин карда шавад;

барои харҷи мақсаднок ва самарабахши маблағҳои Фонди дастгирии содирот назорати доимӣ муқаррар карда шавад.

**3.** Вазорати молия дар асоси дархости Агентии пешбурди содирот аз буҷаи ҷумҳурӣ барои татбиқи чораҳои дастгирӣ, ки дар банди якуми Фармони мазкур пешбинӣ шудаанд, маблағҳои зарурӣ ҷудо намояд.

**4.** Ба Комиссияи ҳукуматӣ ваколат дода шавад, ки **мухлати қарзҳои аз Фонди дастгирии содирот ҷудошударо барои маблағгузории амалиёти пеш аз содирот ва марбут ба содирот** тибқи дархости корхонаҳои содиркунандаи ватанӣ **ба муҳлати шаш моҳи иловагӣ дароз кунад**.

Дар баробари ин муқаррар карда шавад, ки тағйир додани муҳлати қарзҳои мазкур аз ҷониби Бонки марказӣ ҳамчун активҳое, ки шартҳои қарздиҳиашон аз нав дида баромада шудаанд, ба ҳисоб намераванд.

**5. Тартиби манъи истифодаи имтиёз** бинобар пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми расмигардонии гумрукии молҳо, ки дар тартиби анбори гумрукӣ қарор доранд, ба муҳлати беш аз шаш моҳ **бекор карда шавад**.

**6.** Ба мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкории ҷавонон, аз он ҷумла ҳавасмандгардонии фаъолият оид ба истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигарондашуда ва расондани хидмат дар асоси технологияҳои инноватсионӣ, ба ҷудо кардани вомҳо **то 500 ҳазор доллари ИМА** аз ҳисоби маблағи Фонди дастгирии соҳибкорони ҷавон дар асоси қарори Комиссияи ҳукуматӣ иҷозат дода шавад.

**7.** Ба Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ оид ба то 1 январи соли 2023 ҷорӣ намудани **механизмҳои муваққатии танзими амалиёти савдои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон** дар асоси хулосаи Комиссияи ҳукуматӣ ваколат дода шавад.

Дар зимми ин оид ба ҳавасмандгардонии содироти маҳсулоти тайёр, пешгирӣ намудани ҳолатҳои сунъӣ баланд бардоштани арзиши қарордодҳои воридотӣ, ворид намудани маҳсулоти бесифат ба бозори дохилӣ ва ҳолатҳои контрабанда чораҳо пешбинӣ карда шаванд.

**8.** Ба ҷамъияти саҳҳомии «Ўзтрейд» ва «Ўзсаноатэкспорт» аз ҳисоби Фонди дастгирии содирот ба мақсади таъмини ширкати савдои хориҷӣ бо маблағҳои гардон **10 миллион доллари ИМА** ҷудо карда шавад.

Муқаррар карда шавад, ки Агентии пешбурди содироти назди Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳуқуқи саҳҳомро барои пакетҳои саҳмияҳои давлатӣ (ҳиссаҳо) дар оинномаи сармояи (фондҳо) ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ўзтрейд» ва «Ўзсаноатэкспорт» амалӣ намояд.

**9.** Агентии оид ба идоракунии активҳои давлатӣ **дар муҳлати як ҳафта** ба Агентии пешбурди содироти саҳмияҳои давлатӣ додани (ҳиссаҳо) дар сармояҳои оинномавии (фондҳо)-и ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ўзтрейд» ва «Ўзсаноатэкспорт»-ро таъмин намояд.

**10.** Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон мувофиқи замима тағйирот ва иловаҳо ворид карда шаванд.

**11.** Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

**12.** Масъулияти шахсӣ барои ташкили самарабахши иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири сармояҳо ва савдои хориҷӣ А.Б.Воитов гузошта шавад.

Баррасии рафти иҷрои Фармони мазкур, амалӣ намудани мутобиқат ва назорати фаъолияти идораҳои барои иҷрои он масъул ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон **С. У. Умурзоқов** гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри Тошканд,*
*6 апрели соли 2022.*

## РАҲБАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН РАФТИ ИҶРОИ ҚАРОРДОДҲОИ САТҲИ ОЛИРО БАРРАСӢ КАРДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 апрел бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Сарони давлатҳо ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон якдигарро самимона табрик гуфта, ба халқҳои бародари Ўзбекистон ва Қирғизистон аз самими қалб сулҳу оромӣ, беҳбудӣ ва шукуфоӣ орзу намуданд.

Рафти иҷрои қарордодҳои оид ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дўстӣ, некҳамсоягӣ ва шарикии стратегӣ, амиқ гардондани ҳамкории амалӣ байни кишварҳоямон бадастомада муфассал баррасӣ гардиданд.

Ба пешбурди лоиҳаҳои афзалиятноки ҳамкориҳои мутақобилан судманд, аз ҷумла, оғози фаъолияти Фонди рушди Ўзбекистону Қирғизистон, суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории сохтмони Неругоҳи барқии обии Қамбарота-1 ва роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон, вусъат додани кооператсияи саноатӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Мубодилаҳои судманд ва барномаҳои муштараки давомдор дар соҳаи фарҳангию гуманитарӣ бо қаноатмандии амиқ қайд карда шуд.

Созишнома дар бораи идома додани робитаҳои пуршиддат дар сатҳи ҳукумат ба мақсади иҷрои бечунучарои қарорҳои қабулшуда ҳосил шуд.

Сарони давлатҳо ҷадвали мулоқотҳои дарпешистодаи сатҳи олиро низ баррасӣ карданд. Оид ба масъалаҳои мубрами рўзномаи минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

Суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон дар фазои анъанавии кушод, эътимод ва дўстона сурат гирифт.

**ЎзА.**

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА МИНБАЪД ТАКМИЛ ДОДАНИ НИЗОМИ ПАРДОХТИ НАФАҚАИ ДАВЛАТӢ, КУМАКПУЛӢ, ҶУБРОНПУЛӢ ВА ПАРДОХТҲОИ ДИГАРИ ИҶТИМОӢ

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои пардохт ва расондани нафақа, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандон, васеъ ҷорӣ намудани усулҳои замонавии низоми пардохт дар кишвар, инчунин ташкили истифодаи самарабахши технологияҳои пешқадами иттилоотиву коммуникатсионӣ дар соҳаи мазкур:

1. Ба эътибор гирифта шавад, ки мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 4 майи соли 2021 №ҚП-5102 «Дар бораи чораҳо оид ба минбаъд содда гардондани раванди таъин кардани нафақаи давлатӣ ва такмил додани низоми расондани нафақа ва кумакпулӣ ба шаҳрвандон» пардохти нафақа ва кумакпулӣ аз ҳисоби маблағҳои зарурӣ **ҳар моҳ то санаи панҷум таъмин карда мешавад**.

2. Ба пешниҳоди Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ, Бонки марказӣ ва БСТ «Халқ банки» розигӣ дода шавад, ки мувофиқи онҳо:

а) **аз 1 майи соли 2022**:

намудҳои кумакҳои моддӣ, ки ба шаҳрвандон ва оилаҳое, ки ба «Дафтари оҳанин», «Дафтари ҷавонон» ва «Дафтари занон» дохил шудаанд, расонда мешаванд, аз ҳисоби маблағҳои фондҳои дахлдор, кумакпулӣ оид ба бекорӣ ва стипендияе, ки мақомоти оид ба меҳнат мепардозанд, инчунин маблағҳои пулии кумаки моддӣ, ки ба шаҳрвандони муҳлати ҷазоро адо намуда ва аз муассисаҳои иҷрои ҷазо озодшуда (минбаъд – маблағи кумаки моддӣ) дода мешаванд, **ҳар моҳ то санаи панҷум таъмин карда мешаванд** ва ба маҳаллаҳо аз ҷониби кассаҳои сайёри БСТ «Халқ банки» якҷоя бо нафақа ва кумакпулӣ расонда мешаванд;

(Давомаш дар саҳ.2).

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА МИНБАЪД ТАКМИЛ ДОДАНИ НИЗОМИ ПАРДОХТИ НАФАҚАИ ДАВЛАТӢ, КУМАКПУЛӢ, ҶУБРОНПУЛӢ ВА ПАРДОХТҲОИ ДИГАРИ ИҶТИМОӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

барои хидмати ба шаҳрвандон аз ҷониби кассаҳои сайёри БСТ «Халқ банки» расонда додани маблағҳои пулии нафақа, кумакпулӣ ва ёрии моддӣ дар шакли нақд бонк **ба миқдори як фоизи маблағи пардохташуда** ҳақ меситонад. Дар баробари ин ба БСТ «Халқ банки» **вазифаи аз картаҳои гирандагони нафақа ва кумакпулиҳо** бинобар хоҳиши онҳо бо бароmадан ба ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо **ба пули нақд иваз кардан тавассути кассаҳои сайёр гузошта мешавад;**

барои гирандагони тамоми намудҳои нафақаи давлатӣ, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва пардохтҳои дигар, ки аз ҷониби Фонди ғайрибуҷавии нафақа амалӣ гардонда мешаванд, инчунин кумакпулиҳо барои бачаҳо ва ёрии моддӣ ба оилаҳои камтаъмин (минбаъд – нафақа ва кумакпулӣ), ки тавассути кортҳои бонкӣ пардохта мешаванд, **ба миқдори як фоизи ҷамъи нафақа ва кумакпулии ҳармоҳа ҳаққи иловагӣ ҷорӣ карда мешавад.** Дар баробари ин, пешбурди ҳуҷҷатҳо дар шакли коғазӣ бо роҳи ворид намудани маблағ ба корти бонкӣ дар асоси розигии шаҳрвандон бекор карда мешавад;

б) **то 1 сентябри соли 2022** амалиёти пешбурди карточкаҳои нафақа аз ҷониби бонкҳои хидматрасонандаи тиҷоратӣ ба воситаи **автоматиконӣ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор низоми гузарондан ва пардохти нафақаи низоми ҳарбикунонидашуда** бекор карда мешавад.

3. БСТ «Халқ банки» (Ш.Х.Атабаев):

якҷоя бо Бонки марказӣ (Б.Э.Зоҳидов) ба мақсади баланд бардоштани сатҳи фарогирии аҳолӣ бо банкоматҳо ба муҳлати **то 1 октябри соли 2022** аз хориҷ 1800 адад банкоматҳо ворид намоявд ва насби онҳоро дар минтақаҳо, аз ҷумла ноҳияҳои дурдаст таъмин кунад;

ба муҳлати **то охири соли 2022** иловаҳои нави мобилии банк таҳия карда шавад, ки имконияти идоракунии масофавии маблағҳои нафақа ва кумакпулиро ба мақсади минбаъд фароҳам овардани қулайӣ барои соҳибони онҳо фароҳам меорад;

хидмате ба роҳ монда шавад, ки ба аҳолӣ аз ҷониби Вазорати адлия, **ба воситаи иловаи мобилии бонк** расонда мешавад.

4. Вазорати молия (Т.А.Ишметов):

ҷудо намудани маблағҳои барои маблағгузории хароҷот зарурии бо чораҳои дар қарори мазкур муайяншуда марбутро аз ҳисоби бақияи маблағи Фонди ғайрибуҷавии нафақа ва фондҳои дахлдори мақсаднок, инчунин маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъмин намояд;

**дар муҳлати ду ҳафта** ба Девони Вазирон лоиҳаи фармоиши ҳукуматиро дар бораи такмил додани низоми иттилоотии идоракунии фондҳои ғайрибуҷавии нафақа тақдим намояд;

**дар муҳлати се моҳ** якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

5. Вазорати молия, Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ **оиди дар воситаҳои ахбори оммавӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ равшан намудани мақсад, вазифа ва натиҷаҳои пешбинишудаи иҷрои қарори мазкур корро ташкил намоянд**.

6. Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи илова тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

7. Ҷавобгарии шахсӣ барои ташкили самарабахши иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Сарвазир Ҷ. А. Қӯчқоров ва вазири молия Т. А. Ишметов гузошта шавад.

Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*7 апрели соли 2022.*

***Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон Қудратулло Рафиқов, муовини аввали раиси Кумитаи давлатии оила ва занон Озода Парпибоева ва ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров ба ноҳияи Сӯх ташриф оварданд. Онҳо бо иншооти нави иҷтимоӣ дар ноҳия ошно шуданд ва бо аҳолӣ суҳбат карданд.***

# СУҲБАТҲОИ САМИМӢ МАРДУМИ НОҲИЯРО РӮҲБАЛАНД НАМУД

Меҳмонон нахуст бо сохтмони истироҳатгоҳи замонавии бачагон шинос шуданд, ки ба маблағи 29 миллиард сӯм дар маҳаллаи Истиқлоли ноҳия сохта шуда истодааст ва масоҳати он 4,9 гектарро ташкил мекунад.

Мувофиқи тавсияи раиси Федератсияи иттифоқҳои касаба истироҳатгоҳи мазкур бояд то 1 июни соли ҷорӣ ба истифода дода шавад ва тамоми сол ба макони доимии машғулиятҳо табдил ёбад, инчунин дар фароғату солимгардонии кӯдакону наврасон ҳамеша бояд мусоидат намояд. Қ.Рафиқов бо як гурӯҳ собиқадорони меҳнат низ суҳбат кард. Дар ин суҳбат зикр гардид, ки сохтмони осоишгоҳи нурониён босуръат идома дошта, соли оянда мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳад гирифт.

Қ.Рафиқов рафти сохтмони гармхонаҳо дар мавзеи “Ҷавпая”-и ноҳияро аз назар гузаронид. Вай бо шахсоне, ки аз ин мавзеъ барои сохтмони гармхонаҳо замин ҷудо карда додаанд ва бо ёварони минтақавии ҳокими ноҳия суҳбат ороcт. Маълум шуд, ки аллакай дар майдони 10-сотихӣ сохтмони гармхонаҳо анҷом пазируфта, ниҳолҳои лимӯ ва кӯчатҳои помидору бодиринг, қаламфур ва карам нашъунамо меёбанд.

Дар толори Кохи фарҳанг бо иштироки раисони 27 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳия, ёварони ҳоким, сарпарастони ҷавонон, занону духтарони фаъол ва аҳли ҷомеа вохӯрӣ баргузор гардид. Дар вохӯрӣ, ки дар шакли як муколамаи самимӣ сурат гирифт, ба 27 нафар занони фаъол, ки дар асоси озмунҳои кушод ба кор гирифта шудаанд, аз ҷониби Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон ноутбукҳо тақдим карда шуд.

Қудратулло Рафиқов изҳор намуд, ки аз ибтидои соли гузашта ба муносибати Рӯзи иттифоқҳои касаба дар байни намояндагони соҳаҳои мухталиф озмун роҳандозӣ шудааст. Аммо барои ноҳияи Сӯх номинатсияи алоҳида ҷорӣ мегардад.

Маълум шуд, ки миёни раисони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо, ёварони ҳокими ноҳия, сарпарастони ҷавонон ва занони фаъол барои беҳтарин нишондоди сол се нафар ғолиб муайян карда шуда, онҳо бо мошини сабукрав сарфароз карда мешаванд. Ҷойи аввал соҳиби мошини русуми Lacetti, ҷойи дуюм соҳиби мошини русуми Cobalt ва ҷойи севвум соҳиби мошини русуми Спарк хоҳад шуд. Бо пешниҳоди Хайрулло Бозоров намояндагони маҳаллаҳои Чӯнғараи ноҳияи Риштон, маҳаллаҳои Шоҳимардон ва Ёрдони ноҳияи Фарғона низ дар ин номинатсияҳо метавонанд ширкат кунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Хоҷагии паррандапарварӣ дар ноҳияи Янгийӯли вилояти Тошканд ҳанӯз соли 1972 ба роҳ монда шуда буд ва дар солҳои охири даврони шӯравӣ – аввалҳои солҳои навад тамоман фатарот гардида, ҳоло чанд сол аст, ки дубора дар шакли Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Умед» барқарор карда шудааст. Ин фабрика, ки дар маҳаллаи Умед ҷойгир шудааст, бо орзуву нияти нек номашро низ «Умед» гузоштаанд.*

*Бештар аз 350 нафар мардуми маҳаллӣ дар ин хоҷагӣ соҳиби кори доимӣ мебошанд. Ин миқдор кормандон дар айни ҳол то 550 ҳазор сар паррандаро парвариш менамоянд, ки дар ҳалли масъалаҳои таъминоти гӯшти паррандаи бройлер ва тухм дар вилоят ва ҷумҳурӣ саҳми назаррас дорад.*

*Ҳокими ноҳия Улуғбек Ялғашев мегӯяд, ки умедамон аз «Умед» калон аст, зеро дарояндаи наздик дар мурғхонаҳои боқимондае, ки ҳоло дар ҳоли таъмиранд, баъдан бо паррандагони ин хоҷагӣ пур карда мешаванд ва дар он сурат ҳам миқдори гӯшт ва ҳам тухм хоҳад афзуд.*

***Матн ва сурати Т. ХОВАРӢ.***
*Вилояти ТОШКАНД.*

# УМЕД АЗ «УМЕД»



# КОРҲОИ НЕКИ РӮЗҲОИ МОҲИ МУҚАДДАС

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар назди Вазорати маорифи халқ вазифаи якҷоя бо Фонди «Замин» баргузор намудани муоинаи тиббии беш аз 2,6 ҳазор кӯдаки гаронгӯш, бо дастгоҳҳои шунавоӣ таъмин намудани онҳо ва зина ба зина гузарондани кӯдакон ба мактабҳои таълимоти умумӣ, ки дараҷаи шунавоиашон барқарор гаштааст, гузошта шуд.

Сипас дар мактаб-интернати бачагонаи гаронгӯшони рақами 102 ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба масъалаҳои беҳтар намудани шароити муассисаҳои тиббию иҷтимоии мамлакат баргузор гардид.

Дар аввали нутқи худ Президент Шавкат Мирзиёев сураеро аз ояти «Раҳмон»-и Қуръони муқаддас ба ёд овард: «Подоши некӣ - фақат некист».

Эҳтиром ба насли куҳансол ва мадад ба муҳтоҷон – сифатест, ки дар шуури миллии мардумамон амиқ реша давондааст. Ҳамин тариқ дар давраи пандемия ҷунбиши умумихалқии «Некӣ ва дастгирӣ» васеъ паҳн гардид, ки иштирокдорони он ба эҳтиёҷмандон кумак расонданд, машаққат ва озмоишро якҷоя пушти сар намуданд.

Гиромӣ доштани қадри инсон, дастгирии аҳолие, ки ба ғамхорӣ ва дастгирӣ эҳтиёҷ дорад, самти муҳими сиёсати иҷтимоии давлатамон ба шумор меравад. Дар ин самт корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд.

Дар фармони Президент аз 25 марти соли гузашта чорабиниҳо оид ба дастгирии иҷтимоии куҳансолон ва шахсони ногиро бобати ободонии хонаҳои интернати «Саховат» ва «Мурувват» муайян карда шудаанд. Аз он ҷумла, Агентӣ оид ба рушди хидматрасонии тиббиву иҷтимоӣ, санатория ва пансионатҳо барои собиқадорон чандин муассисаи дигари тиббиву иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда шудааст.

Музди меҳнати роҳбарон ва духтурони хонаҳои «Саховат», «Мурувват», пансионати ҷумҳурии собиқадорон 1,5 баробар, музди меҳнати кормандони тоифаи хурд ва миёнаи тиббии ин муассисаҳо ду баробар зиёд карда шуд.

9,4 ҳазор куҳансолон ва шахсони ногиро, ки дар ин хона-интернатҳо иқомат мекунанд ва ҳамчунин 18 ҳазор шаҳрвандони дасттанҳо аз муоинаи тиббӣ гузаронда шуданд.

Якҷоя бо фонди «Замин» беш аз 2 ҳазор кӯдакони гаронгӯш бо дастгоҳҳои рақамии шунавоӣ, 11 мактаб-интернати махсус бо дастгоҳҳои ёрирасони садоӣ таъмин карда шуданд. 900 нафар кӯдаки ногиро бо ҷиҳозҳои протезу ортопедӣ ва 1100 нафар бо аробачаҳои ногироии пултдор таъмин гардиданд.

Дар ҷамъомад ҳокимон дар бораи натиҷаҳои боздидашон аз муассисаҳои тиббиву иҷтимоии ҳудудҳои худ, вазъияти кор ва камбудиҳои ифшошуда гузориш доданд.

Аз он ҷумла ногузирии сохтмони бинои иловагӣ дар 12, хобгоҳ, ошхона, шуъбаи тиббӣ, толори варзишгоҳ дар 7, таъмири низоми гармидиҳӣ ва хунукдиҳӣ дар муассисаи 21-уми хонаҳои «Саховат» ва «Мурувват» таъкид гардид. Ғайр аз ин 6 хонаи бачагон ва 11 мактаб-интернати бачагони имконияташон маҳдуд ба таъмир ниёз дорад.

Президент ба шахсони масъул боз як бор ҷиддан омӯхтани ҳолати тамоми муассисаҳои тиббиву иҷтимоӣ ва омода намудани лоиҳаи қарори ҳукуматро супурд, ки баргузор намудани корҳои норгузири сохтмону таъмирро дар солҳои 2022-2024 пешбинӣ менамояд.

Роҳандозии низоми муоинаи пурраи тиббӣ, беҳдошт ва ташкили фароғати куҳансолон, шахсони ногирое, ки дар чунин муассисаҳо иқомат мекунанд, супурда шуд.

Таъкид гардид, ки бисёр тарбиягирандагони хонаҳои бачагон ба оилаҳои худ бармегарданд, 10 хонаи «Меҳрубонлик», 3 шаҳраки бачагон ва 2 хонаи бачагон бинобар зарурат надоштан баста шуданд.

– Кам гардидани миқдори хонаҳои бачагон ва тарбиягирандагони онҳо аз маънавияти баланд ва шарафнокии халқамон гувоҳӣ медиҳад. Аммо хеле хуб мешуд, ки агар дар мамлакатамон умуман ятим набошад! Аз ин рӯ тамоми чорабиниҳоро бояд андешид, ки онҳо аз ҷониби оилаҳои муносиб ба фарзандӣ қабул карда шаванд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Директорони муассисисаҳои тиббиву иҷтимоӣ пешниҳод ва фикри худро баён намуданд.

Дар ҷамъомад дар бобати ба муҳити обод ва сабз табдил додани маҳаллаҳо, фаъолсозии кори маданиву маърифатӣ вазифаҳо гузошта шуданд.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Абдулазиз МУСОЕВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

***Хоҷагии фермерии «Савр» (роҳбараш Ҳаким Фозилов)-и ноҳияи Когон бобати руёндани зироати пахтаю ғалла дар ноҳия мавқеи ба худ хос дорад. Ин хоҷагӣ соли 1998 бо 6 гектар киштзор арзи вуҷуд карда, баъди ду сол майдонҳояшро ба 160 гектар расондааст.***

# ПАХТА НЕШ ЗАД

Ҳимматбаландон дар 85 гектари он пахта корида, худи ҳамон сол беш аз 354 тонна ашёи хоми пурарзиш ба даст дароварданд. Ҳосилнокии майдонҳо ба 40 сентнерӣ рост омад. Ҳосилнокии 75 гектар ғаллазори хоҷагӣ бошад, 60 сентнериро ташкил кард. Ҳамкорӣ бо ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Buxoro Agro-cluster» бошад, имкониятҳои хоҷагии фермериро фарохтар намуд.

Ҳоло дар 25 гектар майдони хоҷагӣ гандуми навъи «Гром» баъди обёрии сеюм нашъунамо меёбад. Имрӯзҳо дар саҳро мавсими киштукор дар ҷӯш аст. Пахтакорони диловар сари моҳ дар 30 гектар майдон пахтаи навъи элитаи «Бухоро-102» кошта буданд. Ҳоло дар қитъаҳо, аллакай, қаторҳои сабзи мурғаки пахта ҳосил шуда, дили деҳқононро пурфараҳ гардондааст. Онҳо рӯзҳои наздик ба култиватсияи байни қаторҳо оғоз мекунанд. Ҳамин тариқ, риояи сариваҳтии тадбирҳои агротехникӣ – парвариши пай дар пайи ниҳолҳо имконият медиҳад, ки ҳосили дилхоҳ фароҳам ояд. Заршиносони саҳро ният доранд, ки имсол хирмани бештар аз 100 тоннагӣ бунёд кунанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### САВДОИ НИҲОЛҲО ИДОМА ДОРАД

***Нисфи баҳор гузашт, вале ниҳолшинонӣ ҳамон бо суръат идома дорад. Қариб тамоми аҳолӣ ба маънои пурра аз асрори дарахтшинонӣ воқиф аст ва боғбонҳои мо дар барпои боғҳо мактабҳои ба худ хос бунёд кардаанд.***

Дар бозорҳоямон, минҷумла дар бозори деҳқонии Эски Ҷуваи пойтахт савдои ниҳолҳо ҳамон дар авҷ. Дар ин ҷо боғбонҳое, ки аз гӯшаҳои гуногуни диёр омадаанд, дастранҷу дастниҳоли худро мефурӯшанд. Бештар аз 200 навъ ниҳолҳои меваноку манзаравӣ эътибори харидоронро ба худ мекашад. Ниҳолҳое низ мавҷуд, ки аз хориҷ оварда шудаанд ва ба иқлими мо мувофиқанд. Назар ба таъкиди фурӯшгарон, дар бозори зикршуда дар як мавсим тақрибан 4-5 ҳазор бех ниҳолҳо ба савдо мераванд. Фурӯши ниҳолҳо,ки дар бозорҳои Тошканд аз моҳи феврал оғоз ёфта, то 9 май идома мекунад.

### ЯРМАРКАИ КОР – ДАР ЧИНОЗ

***Таҳти ташаббуси прокуратураи вилояти Тошканд ва Маркази ба шуғл кӯмакрасони ноҳияи Чиноз ярмаркаи меҳнат ташкил карда шуд.***

Дар чорабинӣ, ки дар маркази ноҳияи Чиноз баргузор гашт, зиёда аз 300 нафар ҷӯяндагони кор иштирок карданд. Чандин хатмкардагони коллеҷҳои касбу ҳунар, ки кор намекарданд, ҳамчунин бонувоне, ки дар ҷустуҷӯйи кор буданд, шуғли муносиб пайдо карданд. Муаммоҳое низ ҳаллу фасл гардиданд, ки ба масъалаи пардохти алимент вобаста буданд.

Навъе гуфта шуд, дар давоми се моҳи аввали соли равон дар ноҳия 310 нафар ба кор таъмин шуданд. 78 нафар барои бозомӯзии касбӣ фиристода шуданд. Ба 21 нафар эҳтиёҷмандон субсид ҷудо карда шуд.

Додситонии ноҳия таҳти ҳамдастӣ бо Бюрои маҷбурӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок менамояд. 19 оила, ки дар арафаи ҷудошавӣ қарор дошт, оштӣ дода шуд. Дар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои иқтисодии оиладорӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ, солимии репродуктивии аҳолӣ мутааллиқанд, сухбатҳои даврӣ, вохӯриҳо ва анҷуманҳо гузаронда мешаванд.

### КОР БО ҶАВОНОНИ МАҲАЛЛАҲО

***Қарори Президент аз 19 январи соли равон дар бораи чораи куллан такмил додани сохтори кор бо ҷавонон дар маҳаллаҳо татбиқи амалии худ меёбад.***

Маҳаллаи Чашмаи ноҳияи Бектемир, ки 1717 нафар аҳолӣ дорад, намуди идона гирифт. Хусусан бо иштироки бештар аз 360 нафар авлоди ҷавон чорабинӣ файзи дигар ёфт. Тантана дар маҳалларо оркестри ҳарбии “Гвардияи миллӣ” оғоз бахшид. Мусобиқаҳои варзишӣ, барномаҳои консертӣ ба сурури аҳли маҳалла афзуд.

Ин гуна тадбирҳо таҳти шиори “Қадам баояндаи дурахшон – бо маҳаллаи ман” дар як қатор ноҳияҳои пойтахт хотирмон сурат мегиранд. Мақсад – таъмини равнақи маънавӣ дар маҳаллаҳо, ҷорӣ сохтани механизми нави идорасозӣ ва дар ин самт кумак ба ҷавонони пешбар, ҳамчунин дар ин бобат офаридану паҳн намудани таҷрибаи Тошканд дар қаламрави ҷумҳурӣ.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

# ХИДМАТИ КОММУНАЛӢ – БА АҲОЛӢ

Дар мамлакат баҳри беҳбудии сатҳи зиндагии мардум дар ҳамаи соҳаҳо тараққиёт, пешравӣ ва навгониҳои азим ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ба соҳаи хидмати коммуналӣ низ эътибор калон аст. Соли гузашта 39 трансформатори ҳудудҳои ноҳияи Чиноз аз таъмири пурра, ба масофаи 118 км. хати электри ҳавоӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуд. Инчунин, аз 9 нимстансия, ки ноҳияро бо неруи барқ таъмин менамояд, яктоаш таҷдид ва 8-тоаш тармим гардид.

Илова бар ин, аз тарафи корхонаи таъминоти электрикии ноҳия 7 дона трансформатори нав шинонда шуда, 18, 6 км. хати ҳавоӣ таъмир гардид.

То соли 2020 дараҷаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза 61,6 фоиз бошад, дар соли 2021 ин нишондод ба 68,7 фоиз афзуд. Соли гузашта дар 9 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳия ба ивази 17 миллиарду 970 млн. сӯмина 47,7 км. хати оби тоза кашида шуд. Дар натиҷа 3 ҳазору 120 хонадон ва 15 ҳазору 238 нафар аҳолӣ бо оби ошомиданӣ таъмин гардид.



Дар самти таъминоти газ низ корҳои назаррас ба анҷом расиданд. Ба масофаи 58,9 км. лӯлаҳои гази зеризаминӣ бо кумаки асбобҳои махсус санҷида шуда, 64 км. лӯлаҳои газ ранг карда шуданд. Дар маҳаллаҳои Ёллама, Аҳиллик, Каттатеппалик, Сарбозор онҳо пурра таъмир гардида, ба баъзе маҳаллаҳо аз нав кашида шуданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

***Суратгир: Р.ГАЛЕЕВ.***

9 апрел — зодрӯзи Амир Темур

# МАРТАБАИ УСТОД ДАР ТУЗУКОТИ ТЕМУРӢ

Дар мамлакатамон аз соли 1997 то имрӯз 1-уми октябрро ҳамчун "Рӯзи муаллимон ва мураббиён" ҷашн мегиранд, ки ин намунаи иззату эҳтироми халқ ба омӯзгорону мураббиён мебошад. Назар ба ривоятҳо, вақте аз саркардаи бузург Искандари Мақдунӣ мепурсанд, ки "Чаро Арастуро аз падарат ҳам зиёдтар эҳтиром мекунӣ?", ӯ ҷавоб медиҳад: "Падарам гӯё маро аз осмон ба замин фаровард. Аммо устодам Арасту аз замин ба осмон бардошт. Яъне, падарам сабабгори ба дунё омадани ман бошад, устодам илму адаб омӯхта, сабабгори баланд шудани мартабаю эҳтиромам шуд". Ташаккули симои бузургони ҳар як давру замон ба устоду мураббӣ вобаста аст.

Дар ҳадисҳои китоби муқаддаси ислом Қуръони карим низ муносибат, эҳтиром нисбат ба устоду мураббӣ такрор ба такрор таъкид карда шудааст. Аз Имоми Аъзам Абуҳанифа (р.а) чунин ривоят карда мешавад: " Барои эҳтироми устодам Ҳаммод ба тарафи хонаи он зот поямро дароз накардаам. Ҳол он ки дар миёни хонаи ман ва хонаи устодам ҳафт кӯчаи дигар мавҷуд буд. Баъди вафоти Ҳаммод дар ҳар як намозам дар қатори волидонам ба устодам низ аз Аллоҳ мағфират мепурсам".

Дар манбаъҳои таърихӣ Амир Темур ҳамчун шогирди тарбиядида ва соҳиби дониши баланд эътироф карда шудааст. Соҳибқирон нисбати се шайх ихлоси баланд дошта, онҳоро пири худ донистааст. Пеш аз оғози ҳар кор маслиҳати онҳоро мегирифт. Онҳо Шамсиддин Кулол, Саййид Барака ва Зайниддин Таёбодиҳо буданд. Амир Темур дар корҳои салтанат, давлатдорӣ, масъалаҳои динӣ ва дигар амалҳое, ки ба мушкилиҳо пеш меомад, албатта, ҳар доим ба онҳо мактуб фиристода, интихоби роҳи дурустро мепурсид. Аз ҷумла, Туғлуқ Темурхон, ки аз авлоди Чингизхон буд, ҳангоми ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кардан, аксарияти ҳукмдорони маҳаллӣ ба сӯйи Хуросон ақиб мегарданд. Ҳамон вақт соҳибқирон аз пири худ маслиҳат мепурсад ва ба ӯ бо чунин мазмун ҷавоби мактуб меояд:"Ба назди Туғлуқ Темурхон гурез (ба маънои "рав") ва тиру туфангашро кашида гир". Амир Темур ба гуфтаи устодаш амал мекунад ва дар фурсати кӯтоҳ муғулҳоро шикаст дода, ба тарк намудани ҳудуд маҷбур менамояд.

Дар сохтори давлатдории ҳамон давр, ки Амир Темур ба тамоми ҷаҳон намуна буд, ба чаҳор чиз амал намудани ӯ низ бевосита ба устодаш вобаста буд: Пирам, Зайниддин Абубакр Таёбодӣ менависанд, ки "Абулмансур (маънои луғавиаш "зафар, ғалабакунанда", уламо ва машоих ба Амир Темур чунин ном гузошта буданд) Темур, дар корҳои салтанат ба чаҳор чиз амал намо, яъне: 1) машварат (бо худ); 2) машварату маслиҳат (бо дигарон); 3) бо ҳушёриву мулоҳизакорӣ қарори қатъӣ барор; 4) эҳтиёткор бош".

Дар баъзе ҳолатҳо Соҳибқирон ба устодони худ итоаткор ҳам буд. Инро дар мактуби ҷавобии Амир Темур ба пири худ, ки дар "Тузукоти темурӣ" оварда шудааст, дидан мумкин: "Ҳар як супориши пирамро, ки дар мактубашон ба ман ирсол намудаанд, баҷо овардам. Корҳои салтанатро ба тартиб дароварда, ба мартабаи салтанатам бо тӯра ва тузук зебу зинат додам. Салтанатамро бо одамони дувоздаҳ тоифа мустаҳкам намудам. Қонуну қоида ва тӯра-тузукҳои салтанатамро низ вобаста ба ин дувоздаҳ тоифа тартиб додам. Ин дувоздаҳ тоифаро дувоздаҳ бурҷи фалаки салтанатам ва дувоздаҳ моҳи корхонаи давлатам ҳисоб кардам".

Аз инҳо бармеояд, ки Амир Темур ҳар як кори худро бо маслиҳати устодон ба амал мебаровардааст. Дар натиҷаи чунин муносибат ва эҳтироми ӯ ба устодон сохти давлатдориаш тараққӣ карда, давлат аз хиёнаткориҳои дохилӣ дур будааст. Дар баробари ин, таъкид намудан ҷоиз аст, ки Амир Темур ба сифати устоди меҳрубон, соҳиби дониши пухта ва сахтгир ном бароварда буд. Гуфта мешавад, ки Амир Темур ҷамъ 313 шогирд доштааст. Ҳатто саркардаи бузург, ҷанговари садоқатноки Темур ва салтанати темуриён амир Шоҳмаликро ҳам Темур тарбия намудааст. Аз ҷавонӣ ба ӯ салоҳият ва садоқати ҳарбиёнаро омӯзондааст.

Имрӯзҳо чун дигар давлатҳо дар Ӯзбекистон низ ҳурмату эътибор ба устодону мураббиён ба дараҷаи баланд аст. Вақти бисёри хонанда дар назди устод – муаллим мегузарад. Бинобар ин устодонро доимо қадр намудан лозим. Зеро ояндаи кишваре, ки мисли саркарда Амир Темур устоду мураббиро эҳтиром менамояд, дурахшон, дониш ва ҷаҳонбинии ҷавононаш васеъ мегардад.

**Завқибек МАҲМУДОВ,**
**ходими хурди илмии Институти таърихи Академияи илмҳои Ӯзбекистон.**

# ОСОРХОНАЕ, КИ ТАЪРИХУ ФАРҲАНГРО БОЗТОБ МЕДИҲАД



***Барои ҳар як сайёҳ ошноӣ бо таърих, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои ин ё он мардум ҳамеша завқу шавқи тоза хоҳад бахшид. Ин маълумотҳоро ӯ дар осорхонаҳо пайдо хоҳад кард. Мо дар чаҳорчӯби сафари матбуотӣ ба яке аз гӯшаҳои дурдасти кишвари паҳноварамон – Қароқалпоқистон аз экспонатҳои нодири Осорхонаи давлатии таърих ва фарҳанг боздид намудем.***

Дар сафари матбуотӣ як гурӯҳ журналистон ширкат карданд. Ҳадафи асосии ташриф ба ҷойҳои таърихиву фарҳангӣ, шиносоӣ бо тарзи ҳаёту рӯзгори мардуми қароқалпоқ, боздид аз минтақаҳои гуногуни он ҷиҳати тарғибу ташвиқи он барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон хеле мусоидат хоҳад кард.

Мардуми қароқалпоқ дар радифи мардуми соири шаҳру вилоятҳои кишварамон то касби истиқлол дар масири таърих зиндагии талху ширин, роҳи ҳамвору пурпечутобро паси сар намудааст ва барои беҳбуди ҳаёту рӯзгор ва озодиҳо талошҳои зиёд низ ба харҷ додааст.

Маълум шуд, ки ин осорхона дар фазои Осиёи Марказӣ яке аз собиқадортарин маҳсуб меёбад. Таърихи ифтитоҳи он ба соли 1929-и қарни гузашта рост меояд. Ҳамон сол ҷамъияти таърихнигорони Қароқалпоқистон дар Тӯрткӯл намоишгоҳе таъсис додаанд, ки ба бунёди ин осорхона асос гузоштааст. Чунин иқдоми таърихнигорон ҳамчун қадаме ба пеш дар соҳаи фарҳанг арзёбӣ мегардад.

Солҳои дароз онро осорхонаи кишваршиносӣ ном бурдаанд. Баъд номи он ба "Осорхонаи давлатии таърих ва фарҳанги Қароқалпоқистон" табдил ёфтааст. Ин осорхона 93 сол боз ба ҷомеаи мухталиф экспонатҳоеро намоиш медиҳад, ки таърихи ғанӣ ва фарҳанги волои мардуми қароқалпоқ, ёдгориҳои таърихиву меъмории онро бозтоб медиҳад ва дар бораи он маълумотҳо равшану возеҳ тақдим мекунад.

Гуфта мешавад, ки дар оғоз ин осорхона 20 намуди экспонатҳоро ба маърази тамошо гузоштааст, ки аз либосҳои гуногун, дастхатҳо, китобҳо, суратҳои ёдгориҳои таърихӣ, маҳсулоти қадимии гилӣ ва филузии мардуми қароқалпоқ иборат буд. Баъзеи ин экспонатҳо аз ҷойҳои хушкшудаи кӯли Истамас пайдо шудаанд.

– Аммо ҳоло теъдоди экспонатҳои он ба ҳазорҳо карат боло рафтааст. Дар осорхона бештар аз 80 ҳазор намунаи ашёи намоишӣ ба маъраз гузошта шудааст. Ин ашё се бахшро дар бар мегирад: табиат, меъморӣ ва этнография, инчунин таърихи навини Қароқалпоқистон. Ҳар як бахш тавассути ашёи намоишӣ, вобаста ба давру замони худ, муштариёнро бо ҳаводиси таърихӣ, фарҳангӣ, меъморӣ ва амсоли он ошно месозад, – гуфт директори ин осорхона Ойҷамол Юсупова.

Тавре ки вай тазаккур дод, дар осорхона ҳамзамон як қатор ҳайвоноту паррандаҳо ва набототи нодир низ ба намоиш гузошта шудаанд, ки бо хушкшавии баҳри Арал дар минтақа оҳиста аз байн рафтаанд. Бархе аз он ба "Китоби сурх" ворид гардида, дигар аз худ насле боқӣ намондаанд.

Аз нақли директори осорхона бармеояд, яке аз ҳайвоноти нодире, ки ба арсаи нестӣ расидааст, "паланги охирини тӯронӣ" мебошад. Ин намуди паланг ба теъдоди зиёд муқаддам аз Олтой то баҳри Сиёҳ зиндагӣ кардааст, аммо ба далели он ки пӯсташон хеле зебост, рӯ ба маҳвшавӣ овардаанд.

– Охирин паланги зебо дар соҳили Амударё соли 1949 кушта шудааст. Директори ҳамонвақтаи осорхона тамоми чораҳоро пиёда кардааст, ки ҷасади паланг ба ин осорхона оварда шавад ва одамон донанд, ки чунин насли паланг дар ин минтақа вуҷуд дошт, аммо бо дасти одамизот ва ҳаводиси дигар нест карда шуд. Тавре маълум, ҳоло аз паланги тӯронӣ ғайр аз як экспонати намоишӣ дигар асаре боқӣ намондааст, – ироз намуд О. Юсупова.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ШАРОИТ БАРОИ УФУҚҲОИ НАВИ ҲАМКОРИИ ИНВЕСТИТСИОНӢ

***Таъмини рушди босуръати иқтисодиёти миллӣ, барқарории иқтисодӣ, пурзӯршавии ҷараёнҳои интегратсияи иқтисодӣ – ҳамаи ин ба сиёсати фаъоли инвеститсионие, ки дар кишварамон татбиқ карда мешавад, иртиботи ногусастанӣ дорад.***

Дар таъмини рушди иқтисодӣ дар мамлакат инвеститсияҳои хориҷӣ нақши муҳим доранд. Онҳо бобати ноил гардидан ба усулҳои пешқадами ташкили истеҳсолот, навсозии техникии он, омода кардани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ дорои аҳамияти муҳиманд. Бояд гуфт, ки он драйвери рушди иқтисодию иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Баландшавии дараҷаи воридоти инвеститсияҳои хориҷӣ дар навбати худ ба дигаргуншавии мусбати иқлими инвеститсионӣ вобаста аст. Шарту шароити воридкунии инвеститсия, яъне иқлими инвеститсионӣ – ин мавҷуд будани маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ мебошад, ки дараҷаи таваккалкории инвеститсиониро дар мамлакати мазкур муайян мекунад. Ин дар навбати худ барои ҷалби инвесторони хориҷӣ ҷозибадории сармоягузориро таъмин менамояд.

Чанде қабл дар Тошканд форуми байналхалқии инвеститсия баргузор шуда буд, ки он ба намоиши ҷозибадории инвеститсионӣ, шарту шароити барои инвесторони хориҷӣ фароҳамовардашуда, ҷалби онҳо ба лоиҳаҳои истиқболноки минтақаҳои мамлакат нигаронида шуда буд.

Форуми якуми байналхалқии инвеститсионии (ФБИТ)-и Тошканд, ки 24-26 марти соли равон баргузор шуд, майдони муаррифии иқтидори инвеститсионӣ ва иқтисодии Ӯзбекистон гардид. Дар гирдиҳамоии умумии форум Президент Шавкат Мирзиёев нутқ кард. Нутқи ӯ далели он буд, ки форуми мазкур барои иқтисодиёти мамлакатамон аҳамияти калон дорад. Қайд гардид, ки ин гуна форум дар кишварамон бори аввал баргузор мешавад. Дар он дурбини инвеститсионӣ ва инноватсионии кишварамон мавриди муҳокима қарор дода шуд, муаррифии имкониятҳои инвеститсионии кишвар, иқтидори иқтисодии соҳаву минтақаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории васеъмиқёс сурат гирифт.

Таъкид гардид, ки дар ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, татбиқи ислоҳоти куллии иқтисодӣ, суботи иқтисодию сиёсӣ ва рушди иқтисодиёт инвеститсияҳои хориҷӣ нақши муҳим доранд. Дар форуми мазкур созмонҳои байналхалқӣ, сохторҳои молиявӣ, аз 56 мамлакати ҷаҳон инвесторон, ширкатҳои пешбар ва меҳмонони олимартаба иштирок намуданд. Сессияҳои панелӣ ва суҳбатҳои ихтисосие, ки дар доираи форум баргузор шуданд, барои ҳамкориҳои пурсамар бо ширкатҳои хориҷӣ замина фароҳам оварданд. Дорои ҷозиба ва иқлими мусбати инвеститсионӣ будани мамлакат ба ҷалби ҳар чӣ бештари сармояҳои хориҷӣ мусоидат менамояд.

Форуми васеъмиқёси мазкур, ки яке аз ҳодисаҳои муҳим дар олами тиҷоратамон маҳсуб меёбад, ба рушди иқтисодиёти мамлакат заминаи мусоид фароҳам меоварад ва дар ҷалби инвеститсия ба лоиҳаҳои устувор дар байни намояндагони доираҳои корчаллон ба сифати майдони робита хидмат мекунад.

**Фирӯза РАҲМАТУЛЛОЕВА,**
**дотсенти кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Бухоро.**
**Аслиддин АБДУЛЛОЕВ,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Бухоро, доктори илмҳои иқтисодиёт (PhD).**



*Дар мономаркази «Ба кор марҳамат»-и шаҳри Самарқанд, ки моҳи майи соли сипаригардида ба кор шурӯъ карда буд, ба шаҳрвандони бешуғл дар бист самт касбу ҳунар омӯхта мешавад.*

*Дар марказ имрӯз дар соҳаҳои техника ва хоҷагии деҳот, соҳаи хидматрасонӣ ва курсҳои забонҳои хориҷию соҳибкорӣ 630 нафар таълим мегиранд. Бино ба маълумотҳо, дар соли 2021 720 нафар шунаванда дар маркази мазкур таълим гирифтааст. Аз ин миқдор 453 нафарашон занон, 267 нафарашон мардонанд.*

***Дар акс:** дар мономаркази «Ба кор марҳамат»-и шаҳри Самарқанд.*

***Аксбардор: А.ИСРОИЛОВ (ӮзА).***

# МУЛЛОИ МУСОФИР

**(Порае аз қиссаи ҳуҷҷатӣ)**

*Оғози олам ғулғула, поёни олам зилзила,*
*Ишқову шукре бо гала ором бо зилзолаҳо.*
***(Мавлоно Балхӣ).***

Мегӯянд, ки Худои яккаву ягона моро дар зиндагӣ баҳри имтиҳон офаридааст. Аслан зиндагии бо ғулғула оғозгаштаи мо дар анҷом ба зилзилаи сахте рӯ ба рӯ мешудааст. Аз бозии сарнавишт ҷойи гурезе набудааст. Хоҳу нохоҳ, рӯзе дар гирдоби пурталотуми баҳри зиндагӣ ғарқ мешавем. Гирдоби баҳри зиндагӣ Мулло Султон ва ҷигарбанди ӯ Махсуми Аббосро ба дуриҳои дур меафканад. Дар ғарибию залилиҳо умри хешро мегузаронанд падару писар. Дар дуриҳо аҷдод ва Ватани афсонавии хешро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ин ҳарду. Баҳри баланд бардоштани маърифати динии ҳамдиёрон хидмати бедареғе анҷом медиҳанд.

Аз қисмати талху шӯри ин мардони Худо ҳолдонҳои пешин нақлҳои риққатангезе ба ёдгор гузоштаанду рафтаанд. Ин ёдномаҳоро мо аз ёдҳои шоҳидон ғун кардем, то он ба боду ҷанги таърих омехта нагардад, рӯйи коғаз кӯчонидем. Умед дорем, шумо онро хонда баҳра мебардоред.

Ривоят мекунанд, ки гӯё авлоди Мулло Норбой аз диёри дури дуре ба деҳаи Дарбанд омада, дар Ҳайроншеҳӣ ном дараҳои зебоманзар сукунат ёфтаанд. Бобову бобокалонҳои онҳо одамони бою бадавлат, соҳиби рамаҳову галаҳо дар ихтиёр доштаанд. Худо ба гузаштагони ин авлод пайкари рустамона, дасту бозуи қавиро насиб гардонида. Мегӯянд, ки писарони Мулло Норбой чунон мардони таҳамтане будаанд, ки агар ношиносе дар кӯҳу саҳро ногаҳон бо онҳо рӯ ба рӯ ояд, аз ҳайбату ҳашамати онон ба ваҳму таҳлука меафтодааст. Дидаву шунидаҳо қисса мекунанд, ки гӯё чор писари Мулло Норбой ҳар яке ҷуволи гандуми даҳонбастаро аз ҷониби росту чапи аспу харҳои борбардор озод бор карда, онро ба ҷониби осиё мебурдаанд.

Аз Тубаки Ӯрун то Ҳайроншеҳӣ ва Қӯноқпоя манзилу макони онҳо ба ҳисоб мерафтааст. Аз Ҳайроншеҳӣ то Қизилкӯтону Қароғут дарбандиён буду бош доштаанд. Мусофириён бо авлоди пиратиён, яъне бобокалонҳои Мулло Норбой аҳди дӯстӣ доштаанд. Хушбахтона, ин анъанаҳои гузаштагонро ҳоло ду авлод идома медиҳад. Мулло Султон писари сеюми Мулло Норбой буда, мисли дигар авлоду аҷдодаш марди кӯҳпайкаре буда саводи ибтидоии диниро дар назди қиблагоҳаш мегирад. Мулло Норбой низ соҳибдавлат буда, айёми тирамоҳу зимистон чорвои хешро дар ин дараҳо дар саргаҳи дарёи Дарбанд, дар марғзорҳои сералаф ва анбӯҳи арчазорон мепоидааст.

Соле Мулло Султон бо чанд тан даҳмарда рамаи хешро ба домани ин чарогоҳҳо оварда, дар назди арчазори анбӯҳ қарор мегирад. Шабе аз шабҳо даҳмардаҳо ба козаи Мулло Султон гирд омада, мегӯянд, ки "эй дӯст, ту бори аввал ба ин манзилу макон, баҳри рамапойӣ омадӣ. Аз рӯйи таомули ҳамкасбон касе, ки бори нахуст ба ин ҷо по мегузорад, аз рамаи хеш, баҳри рафъи балои қазо моли аз ҳама фарбеҳу бузургҷуссаи хешро забҳ мекунад». Розӣ мешавад ӯ. Пагоҳӣ даҳмардаҳо шаҳбузи бузургҷуссаи рамаро, ки дар гардан зангӯлаи огоҳӣ дошт, дар роҳи даъфи балоҳо забҳ мекунанд. Пас аз ин хайру саховат ба Мулло Султон дуое медиҳанд.

Бехабар аз ин кору ҳол, Мулло Норбой ба кӯҳсор меояд. Беихтиёр ба рамаи хеш назар афканда мебинад, ки аз шаҳбузи бузургҷусса дараке нест. Аз Мулло Султон ва даҳмардагон ин ҳолро мепурсад. Онҳо буду шуди воқеъаро ба ӯ қисса мекунанд. Ғазаби Мулло Норбой боло мегирад, чӯбдастеро гирифта, чанде ба сару тани ӯ мезанад. Мегӯяд, ки дар таомули даҳмардагон сорбони рамаро намекушанд. Чӣ мегӯед, ки кор аз кор гузаштаву оби рехтаро имкони ғункардан набуд. Ҳамон шаб Мулло Султон нопадид мешавад. Саҳари солеҳон даҳмардагон дар козаҳо ӯро ҷустуҷӯ мекунанд. Аз ӯ на ном буду на нишон. Рӯзҳои пасин низ ӯро меҷӯянд: касе ӯро дидам намегуфт. Ҳама ҳайрон, аз кардаи худ пушаймон. Дар ҷустуҷӯи ӯ ба гирду атроф то ба Толлӣ одам мефиристанд.

Мулло Султон ҳамон шаб чанде дуртар аз козаи даҳмардагон дар паноҳи арчаи азиме шабро саҳар карда, рӯ ба ҷониби деҳаи Сангардак меорад. Номи ин деҳаро борҳо шунида, вале онро надида буд. Намедонист ин роҳ ӯро то ба куҷое мебарад. Аз кӯфти роҳ чун беҳолу бемадор мегашт, ҳаловатро ихтиёр мекард ва пасон боз рӯ ба роҳ мениҳод. Намози шом ба ин деҳа мерасад. Дар лаби чашмаи мусаффо дасту рӯ шуста, аз оби ҷонбахши он нӯши ҷон карда, фароғатро ихтиёр мекунад. Ба чашмонаш хоб омада, чанд муддат дар ин ҳол мемонад. Дар хобаш ҳамон даҳмардаи шиносашро, ки дар домани даштҳои Сайҳон ду сол ҳамроҳ рама поида буданд, мебинад. Аспсавор ба дунболи рама мерафт он даҳмарда. Чун ба ҳам рӯ ба рӯ омаданд, "биё дӯстам, биё" гӯён аз асп поён шуда, ба оғӯш мегирад ӯро. Аз хоб як қад парида бармехезад. Ба худ омада мебинад, ки дар лаби чашмаи зулоле хуфта. Хоби ҳамин ҳоло дидаашро дубора ба ёд меорад. Дар банди хаёлҳояш шарорае рух зада, ба дилаш умеде падид мегардад. Гуфтаҳои ӯро пеши назар меорад.

Манзилам дар қарибии кӯҳи Гавургон аст, рамаро дар лаби дарёи Қаратоғ об медиҳам – ин гапро чандин бор такрор карда буд, ҳангоми хайру хуш он даҳмардаи боботоғӣ. Торикӣ фаро расида буд. Шабро дар ин манзил рӯз карда, субҳи содиқ ба ҷониби Узундара роҳ мепаймояд. Ба соҳили дарёи Тӯпаланг мерасад. Тӯпаланг чун паланг ғурриш мекард. Дар соҳили он одамони зиёде ғун гашта роҳи аз як соҳил ба дигар соҳил гузаштанро меҷустанд. Яке мегуфт, ки ҳар кӣ шиновар аст, убури он осон аст. Дигаре арзи хешро тасдиқ мекард, ки ҳар кӣ аспи тавоное дорад, бечунучаро ин дарёро убур хоҳад кард. Ҳамин сон мусофирони дар соҳил истода баҳсу талош мекарданд. Бад-ин тариқ Мулло Султон низ дар қатори ин мусофирон дар хаёли убури дарё монда буд. Ин дам як аспсаворе ба назди мусофирон омада мегӯяд, ки убури дарё дар ин манзил имкон надорад. Фақат дар Зарчоб ном деҳа, ки тақрибан 7-8 чақрим роҳ аст, дарё хеле танг ҳаракат мекунад. Аз ду ҷониб арғамчинҳои дарозро мехкӯб кардаанд. Арғамчин аз як соҳил ба соҳили дигар мерасад. Одамон арғамчинҳоро ба миён баста, аз як ҷониб ба ҷониби дигари дарё мерафтанд. Чун ба соҳил расиданд, ду нафар аз дасташон дошта, онҳоро аз харсанги лаби дарё боло мекашанд. Мулло Султон бо нишондоди он савори ношинос намози шом ба ин манзил мерасад. Шабро дар козаи даҳмардае саҳар карда, ба соҳили ин гузаргоҳ меояд. Чун офтоб як қади найза боло мебаромад, кӯҳу камар ва соҳилҳоро бо нури сахобахши хеш маҳинмаҳин сила мекард: ин манзилу маконро ноаён аз боду тафи намнок дур меандохт. Ин нури босафо гӯё ба ҷони ин манзил ҷон мебахшид. Дар сари як харсанге нишаста, соҳили дарё ва гузаргоҳро муоина мекард. Мусофирон як-як аз паси дигар ба ҷониби гузаргоҳ омада, фикри аз дарё убур карданро доштанд. Мулло Султон ресмонро ба миёнаш сахт баста, худро ба дарёи пурталотум меандозад. Мавҷи дарё дар як они воҳид ӯро ба соҳили рост мебарад. Ду нафар чолокона дастони ӯро маҳкам дошта, ба болои харсанги бузурге мекашанд. Аз хунукӣ танаш чун барги бед меларзид. Аз мусофирон чӣ гуна ба деҳаи Узун расиданро аниқ мекунад ва роҳашро идома медиҳад.

Нисфирӯзӣ ба манзил расида, дар соҳили дарёи Қаратоғ он даҳмардаи шиносашро интизор мешавад. Аз оби ҷонбахши дарё нӯши ҷон карда, тану тӯши аз роҳ кӯфташудаи хешро мешӯяд. Насими дарё бо як маром вазида ба ҷони ӯ ҳаловат мебахшид. Нигоҳи ӯ ба рамае, ки чун ресмони сиёҳ як раҳ кашол гашта, сар ба зер, ба поён ба ҷониби дарё дартоз меомад, афтид. Ба дунболи рама даҳмардае вазнин-вазнин қадам мезад. Ба истиқболи даҳмарда гом мениҳад. Чун бо ӯ рӯ ба рӯ меоянд, салом арз намуда, шиноси деринашро мепурсад. Дар посуху пурсиши ӯ даҳмарда иброз мекунад, ки пас аз фурсате он шиносаш ба ин ҷо хоҳад расид. Рамаи гӯсфандон ба соҳил расида дурудароз оби дарёро ошомида, коҳилона боз ба раҳи омадаашон бармегаштанд. Рамаи дигаре дартоз ба соҳил меомад. Ногоҳ нигоҳаш ба шиноси деринааш афтод, ки ба дунболи рама чанд хару хингилро пешандоз карда, вазнин-вазнин ба поён меомад. Вақте ба ӯ наздик мешуд, якдигарро зуд шинохта, ба оғӯш кашиданд. Дар лаби дарё бо ҳам нишаста, якҷоя нонушта карда аз аҳволи якдигар огоҳ шуданд. Чун мешҳо ташнагӣ бишкастанд, ба ҷониби чарогоҳи худ роҳ паймуданд. Ҳар ду ба машкҳо об гирифта, онро ба маркабҳо бор карда, ба дунболи рама ба ҷониби кӯҳи Гавургон равон шуданд. Намози шом ба шафати ин кӯҳ расиданд. Ду рӯз дар сою қирраҳои дароз рамаро пойида, боз ба ҷониби дарё омаданд. Соҳиби рама онҳоро дар соҳили дарё интизор буд. Бой пас аз паёму салом аз куҷову чикора будани ӯро пурсид. Ӯ мақсади ба ин манзил омадани хешро ба бой нақл мекунад. Ин дам бой ба Мулло Султон дурудароз зеҳн монда, андешамандона мепурсад:

– Ҳақиқатан ту барои рамабонӣ омадӣ? Аз гиру монат, тану тӯшат, маълум аст, ки дар ин кор таҷриба андӯхтаӣ?

– Шояд, аз гӯштингирӣ низ хабар дорӣ,– гӯён чунин суолҳоро такрор мекунад.

– Зиёд не, каму беш аз гӯштингирӣ хабар дорам.

– Аз гӯштингирӣ хабар дошта бошӣ, писар, ҳамроҳ ба қароргоҳи мо меравем. Он ҷо бо чанд паҳлавон, ки мисли худат даҳмардаанд, гӯштӣ мегирӣ. Агар дастат аз ин набард боло шавад, як рамаи гӯсфандонро барои поидан ба ихтиёрат вомегузорам.

(Давом дорад).

**Нуралӣ РАҶАБ.**

**Гиромидошт**

# ИФТИХОРИ ДЕҲА БУД



Ҳар як ноҳияву мавзеи кишварамон бо табиати зебову дилрабои худ бетакрор аст. Деҳаи Варганзаи ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё низ аз ҷумлаи чунин мавзеъҳо ба шумор меравад. Ба хусус, анорҳои ин деҳа дар сартосари мамлакатамон маълуму машҳуранд. Академик Абдулғанӣ Мирзоев, профессорон Наҷмиддин Сайфиев, Рашид Қодиров ва даҳҳо нафар номзадҳои илм, ки дар рушди илму фани мамлакатамон саҳми босазои худро гузоштаанд, парвардагони ин деҳаанд.

Яке аз фарзандони соҳибмаърифати деҳа, ки ман устоди худ мешуморидаму аз солҳои мактабхонӣ нисбат ба ӯ ҳурмати беандоза доштам, Эркин Саидов буд, ки баҳри фаровонҳолии мардум ва ободонии деҳаву гирду атрофи он хидматҳои зиёд кардааст. Аз овони бачагӣ ният доштам, ки мисли устод донишманду саховатпеша бошам.

Эркин Саидов 10 апрели соли 1942 дар хонадони омӯзгор Саид Ҳусанов дида ба дунё кушод. Ӯ аз падар ҷавон монд. Саид Ҳусанов қурбони Ҷанги дуюми ҷаҳон шуд. Ва ин боиси аз синни бачагӣ корҳои вазнини рӯзгордориро ба ӯҳда гирифтани қаҳрамони мо гардид. Обдорӣ, тракторчигӣ, ҳисобчӣ, хаткашӣ – чӣ коре, ки пеш меомад, аз таҳти дил иҷро мекард.

Аммо шавқи китобхониву донишомӯзӣ ӯро сари ниятҳои бузург водор мекард. Ӯ мехост, ки маълумоти олинок шавад, ба мардуми деҳа нафъаш расад, ба онҳо сарварӣ кунад.

Бо иштиёқи баланд дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсили илм кард ва фаъолияти меҳнатии худро аз омӯзгорӣ дар деҳаи мактаби худ оғоз намуд. Мудири илмӣ ва директори мактаб шуд. Дар сафи армия низ сидқидилона хидмат карда, бо унвони капитан ба захира баромад.

Устод Эркин Саидов чӣ дар соҳаи маориф ва чӣ дар соҳаи хоҷагии халқ бо ӯҳдабароиҳои худ шуҳратманд гашт. Солҳои зиёд дар ҷамоати хоҷагии қишлоқ сарварӣ кард.

Солҳои 80-уми асри гузашта мактаби деҳа мӯҳтоҷи таъмиру тармим шуда, барои таълиму тарбия гирифтани хонандагон ба ҳолати ношоиста омада буд. Азбаски аҳолии деҳа сол аз сол зиёд мешуд, синфхонаҳо намерасид. Эркин Саидов барои сохтани бинои нави мактаб 10 сол умри хешро сарф кард. Ва ниҳоят соли 1987 бинои чорқабата барои 800 нафар сохта, ба истифода супурда шуд.

Э. Саидов то ба нафақа баромадан дар ин даргоҳи илм роҳбарӣ кард. Баробари ин дар Маркази таълими ҷумҳурӣ узви ҷамоатии услубшиносии китобҳои дарсии тоҷикӣ буд.

Аз соли 1990 то охири умр вазифаи ҷонишини раиси Маркази милливу маданнии тоҷикони вилояти Қашқадарёро дар ӯҳда дошт.

Аз байни роҳбароне, ки барои аҳли деҳаи Варганза бо меҳру муҳаббат корҳои зиёдро анҷом додаанд, номи Э. Саидов ҷойи алоҳида дорад. Ӯ барои чароғон гардондани манзили зисти ҳамдиёрон аз аввали солҳои 70-ум саъю кӯшишро оғоз намуда буд. Дар яке аз суҳбатҳо устод аз он воқеаҳо ёдовар шуда, гуфта буд, ки корҳои фурӯзонгардонии деҳаи кӯҳӣ ба осонӣ даст надод. Дар давоми 3 сол роҳи пойтахт ва ҳатто Маскавро пеш гирифтам, ки баъзеҳо аз ин бехабар буданд. Бо роҳбарон мулоқот мероростаму талош ба харҷ медодам. Саъю кӯшиш маҳсули худро дод. Соли 1973 хати барқ кашида, деҳа ба манбаи доимии он пайваст шуд.

Сохтмони бинои маъмурии ҷамоаи хоҷагиву бунгоҳи тиббии деҳа, мумфарш гардидани кӯчаҳову бо оби ошомиданӣ таъмин намудани аҳли деҳа бо номи ин марди саховатпеша вобастагии қавӣ дорад.

Дар деҳа соли 2000-ум Маҷмӯи солимгардонӣ-варзишӣ бунёд гардид. Маҷмӯъ дар асоси лоиҳаи муштараки ЮНЕСКО ва Федератсияи гӯштии Ӯзбекистон сохта шуда буд. Аҳли деҳа хуб медонанд, ки ғоя ва ташаббускори он Эркин Саидов аст.

Ӯ бо ҳамсари ширинзабону меҳнатдӯсташ Анбарой Сайфиева 6 нафар писар ва ду духтарро ба воя расонд. Ҳоло бештари онҳо соҳиби маълумоти олианд, аз ҳама хурдӣ номзади илм.

Ҳукумат хидматҳои беназири Э. Саидовро шоиста арзёбӣ кард. Омӯзгори тоифаи олӣ, омӯзгор-услубшинос бо Ифтихорномаи Президенти Ӯзбекистон, медали «Меҳнат фахрийси»-и дараҷаи дуюм сарфароз гардонда шудааст. Мавсуф сазовори унвони «Аълочии таълими халқ»-и Ӯзбекистон ва чунин унвони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гардида буд.

14 августи соли гузашта Э. Саидов аз ин дунёи ҳастӣ чашм пӯшид. Ман умри устодро ба оби зулоли чашма мемонам. Ба обе, ки ба табиату офаридаи бузурги ӯ – инсон ҳаёт мебахшад. Мавсуф низ бо донишу маърифат ва талошҳои худ дар дили хонандагон чароғи маърифатро фурӯзон кард, ба ҳамдиёрон шароити зиёди муфид фароҳам овард.

Эркин Саидов як моҳ пеш аз вафоташ аз «Боғи Ғалаба»-и шаҳри Тошканд дидан карда буд. Дар он ҷо бахшида ба рӯҳи падар 20 бех ниҳоли анор корид, ки ҳоло нашъу нумӯъ кардааст…

Мехостам, ки ҳар як шаҳрванди кишвар мисли устод Эркин Саидов саховатпешаву ғамхору ҷонсӯзи мардум бошад. Бахту саодати мардумро аз ҳузуру ҳаловату оромии худ пеш гузошта, лоиқи номи инсон гардад.

**Дилмурод МУХАММАДИЕВ,**
**номзади илмҳои педагогика,**
**дотсент.**

# ОСОРХОНАЕ, КИ ТАЪРИХУ ФАРҲАНГРО БОЗТОБ МЕДИҲАД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар осорхона экспонатҳои бостоншиносии бемислу монанд ва макетҳои минтақаҳои аҳолинишини Хоразми қадимро низ дидан мумкин аст. Сари сутунҳо ба шохи гӯсфанд монанд буда, аммо чеҳраи инсонро аккосӣ менамояд. Таърихи як қатор экспонатҳо то ба дуним ҳазор сол мерасад. Деги биринҷии асрҳои VI-V низ басо диққатҷалбкунанда мебошад. Он болои се поя истодааст ва ин пояҳо ба пойҳои ҳайвонҳои гуногун монананд ва дастаи он шакли аспро гирифтааст.

Бахши этнографӣ аз намоиши либосҳои қадимаи мардумӣ, ҷавоҳирот ва зебу зиннат иборат аст. Ин ҷо намоиш дода шудааст, ки мардум дар қадим чӣ гуна хаймаҳоро оро медоданд, кадом намуди қолинбофиҳо мавҷуд буданд, мардум дар маросимҳои шодиёнаи худ аз чӣ гуна навъҳои асбобҳои мусиқӣ истифода мекарданд.

Дар ин ҷо кас метавонад бо аслиҳа ва ҷавшанҳое низ ошно шавад, ки ҷанговарони давраҳои мухталифро аз зарби шамшер ва тири камон ҳифз менамуданд.



Дар бахши дастхатҳо бошад, катибаҳои гуногунро гузоштаанд, ки ҳар кадоми он аз ягон давраи таърихӣ нақл мекунад. Ин ҷо ҳатто солномаи хеле дурударозро низ дидан мумкин аст, ки рӯйи коғази калон нигоштаанд ва ба солҳои гуногуни таърихи мардуми қароқалпоқ тааллуқ дорад. Китобҳои гуногуни бо хати арабиасос таълифшуда аз зумраи экспонатҳои осорхонаанд. Дар як гӯшаи он метавон бо тарзи чопи рисолаву китобҳо ошно шуд.

Тангаҳои гуногуни сикказада, портретҳои қаҳрамонони эпикӣ ва шахсиятҳои таърихӣ, аксу суратҳои мухталиф аз рушди минтақаи мазкур дар давраҳои гуногун шаҳодат медиҳанд. Як бахши калони осорхонаи таърих ва фарҳангро корномаҳои мардуми қароқалпоқ дар ибтидои асри бистум ташкил медиҳад.

Рушди Қароқалпоқистон дар давраи истиқлол баёнгари он мебошад, ки ин ҷумҳурӣ дар муддати сӣ соли охир ба кадом дастовардҳои муҳим ноил шудааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**
*НУКУС – ТОШКАНД.*

***Дар мамлакатамон корҳои васеъмиқёси ободсозӣ ва бунёдкорӣ бурда мешавад. Ҳар рӯз маҷмӯаи савдо, биноҳои зист, зиёратгоҳҳо қад рост мекунанд. Ҳусну тароватӣ ватани ҷаннатмисоли мо рӯз ба рӯз меафзояд. Дар натиҷаи чунин саъю ҳаракатҳо дар ноҳияи Гулистони Сирдарё боз як иншооти бошукӯҳ – бинои масҷиди ҷомеи Шодмонхӯҷа аз нав тармим гардида, ба истифода супурда шуд. Ба айвони масҷид, ки дар намозҳои ид хеле серодам мешавад, дар як вақт наздик ба ҳазор нафар меғунҷад.***



# БИНОИ НАВИ МАСҶИДИ ҶОМЕИ ШОДМОНХӮҶА

Баъди корҳои сохтмон, ки қариб ҳафт моҳ давом кардааст, қиёфаи маҳалла куллан тағйир ёфт.

Беш аз 200 нафар усто, муҳандис, ҳунарманд, ороишгар ва мутахассисони дигаре, ки аз ҳамаи ҳудудҳои кишвар ҷамъ омадаанд, дар барқароркунии обидаи таърихӣ фаъол ширкат варзиданд.

– Дар рафти азнавсозии маҷмӯа, зиёратгоҳ ва масҷидҳо таърихро боз ҳам амиқтар меомӯзем. Дар ҷараёни кор ин хеле муфид аст. Ҷиҳатҳои фарққунанда ё монанди лоиҳаҳоро муқоиса мекунем. Ин дар навбати худ барои ба фарзандонамон низ маълумот додани мо мусоидат мекунад. Ба саволҳои онҳо бе ягон дудилагӣ ҷавоб дода метавонам, – гуфт раиси маҳалла Алишер Нусратов.

– Баландии масҷиде, ки ошёнаи якумаш таҳхона, дар қабати дуюм айвон дорад, 23 метр аст. Дар ин ҷо хонақоҳи калони дорои 1800 ҷой, китобхона ва хонаи сархизмат барпо карда шудааст. Ҳоло масҷид зиёда аз ҳафт ҳазор нафар намозхонро меғунҷонад. Дар паҳлуи масҷид барои занон ибодатгоҳи алоҳида бунёд гардид. Фаъолони маҳалла ба устоён ёрдам доданд. Онҳо на танҳо дар ҳудуди бунёдшавии сохтмон, балки дар ҳамаи корҳои ободонӣ ва тозакунии маҳалла ширкат варзиданд. Сокинони маҳалла ният доранд, ки намози Иди Рамазонро дар масҷиди нав хонанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*
***Суратгир:*** *муаллиф.*

**Китобиёт**

# «ГУЛОБИ ВАҲДАТ»

Деҳаи Зархона қабои идона ба бар карда буд. Табиати дилфиребӣ зебояш қалби ҳар бинандаро тасхир мекард. Кӯҳҳои сарбафалаккашидааш ҳанӯз барфпӯш буд. Дарахтони боғ ҳама майли мевакунӣ доштанд, ки аз саропо ғарқи гул буданашон далолат медод. Аз дур садои шир-шири оби ҷӯй ба гӯш мерасид. Ин ҳама зебоиҳои табиат ба ҳусни деҳа ҳусн зам мекард. Вақте ки вориди деҳаи зебоманзари Зархона шудем, меҳмонон сараввал марқади фарзанди фарзонаи ин диёр Аҳмадҷон Махдуми Шоҳмуродзодаро зиёрат намуда, аз Қуръони шариф оятҳо қироат намуданд. Баъд сӯйи мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 13-и ноҳияи Сариосиё роҳ пеш гирифтем. Сабаби ба ин деҳаи зебоманзар қадамранҷа намудани эҷодкорон тақдимоти китоби эҷодкори варзида ва марди хушгуфтор Муҳаммадҷон Раҷабӣ – «Гулоби ваҳдат» буд, ки дар хонаи эҷодии табъу нашри «Маҳорат» аз чоп баромадааст. Дар ин китоби пурганҷ очерку ҳикоя ва шеъру ҳаҷвияҳои солҳои гуногун эҷоднамудаи муаллиф гирд оварда шуда буданд. Хонанда пас аз мутолиаи китоб дар бораи одаму одамгарӣ, меҳнатдӯстию ростқавлӣ сабақи зиндагӣ мегирад. Очеркҳо, ки асосан дар бораи ҳаёти бунёдкорони иншооти обу барқи Туфаланг ҳикоят мекунад, барои ҷавонон ибрат хоҳад шуд. Ба муносибати нашри ин китоби нодир, дар зодгоҳи эшон, дар мактабе, ки омӯзгор Муҳаммадҷон Раҷабӣ кору фаъолият кардааст, маҳфили адабӣ бо иштироки сармуҳаррири нашриёт, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Асадуллоҳ Исмоилзода, сармуҳаррири рӯзномаи «Ховар» Олими Панҷизода, шоиру нависандагон Ӯғулой Ҷӯрабоева, Чоршанбеи Деҳнавӣ, Розия Бадалова, Мусулмон Ғафуров, омӯзгори фанни забон ва адабиёти мактаби рақами 7-уми ноҳияи мазкур Маҳкам Ҷаъфаров ва тамоми фарзандону шогирдони эшон ширкат варзиданд. Асадуллоҳи Исмоилзода дар асноӣ сухан оиди кору фаъолияти ин марди хирад, ки тамоми зиндагии хешро сарфи таълиму тарбияи насли наврас намуда, шогирдонро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намудааст, аз номи шогирдон изҳори сипос намуд. Хонандагон аз ашъори шоир шеърҳо қироат намуданд.

Барои рангоранг гузаштани маҳфили адабӣ омӯзгори фанни мусиқии мактаби мазкур аз эҷодиёти шоир сурудҳо баҳри мухлисон пешкаш кард, ки ин боз ба ҳусни маҳфил ҳусн зам кард. Дар фарҷом устод Муҳаммадҷон Раҷабӣ ба ҳамаи шогирдон, меҳмонон ва онҳое, ки дар нашри китоб саҳмгузор буданд, махсусан, ба фарзанди фарзонаи миллат Абдуғанӣ Сангинов, ки барои табъу нашри китоб хеле хидмати шоён намудааст, арзи сипос намуд.

Шоире фармудааст:

*Эй пири хушзарофат, устод,*
*зинда бошӣ,*
*Эй кони панду ҳикмат, устод,*
*зинда бошӣ.*
*Бар ташнагон бихонӣ,*
*абёти шеъри рангин,*
*Ровии хушназокат, устод,*
*зинда бошӣ.*

**Саодат САНГИНОВА,**
**директори мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

# РАҚАМҲО БА ОГОҲӢ ДАЪВАТ МЕКУНАНД

Ходимони шуъбаи бехатарӣ аз сӯхтори Маркази маърифати ҷумҳурӣ бо роҳбарони корхона ва фаъолони маҳалла оиди пешгирии сӯхтор вохӯриҳо ташкил намуда, корҳои тарғиботӣ мебаранд. Махсусан, ба аҳолӣ оиди беларво нашудан ба бачаҳои хурдсол, оқибати худсарона бо шлангҳои резинӣ пайванд намудани газ, аз асбобҳои дастисохт эҳтиёткорона истифода бурдан, беназорат нагузоштани дазмол, компутер, телевизор, ки омили асосии сар задани сӯхтор мегарданд, суҳбатҳо ташкил мекунанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар давоми 12 моҳи охир дар ҳудуди ҷумҳурӣ 10667 сӯхтор содир гаштааст. Ҳангоми таҳлили сабабҳо маълум гардид, ки 36,3 фоизи он аз сабаби носозии ускунаҳои электрикӣ, 31 фоиз аз бархӯрии газу ҳаво дар хонадонҳо, 13 фоизашон аз истифодаи асбобҳои дастисохт, 9 фоиз дар натиҷаи беларво гузоштани бачаҳо, 3 фоиз аз ҷиҳози носозии газ содир шудаанд.

Сӯхтор натанҳо ба сохтмон, хонаву ҷо ва асбобу анҷом зарар мерасонад, балки ба ҳаёти инсон низ хавф меорад.

Соли гузашта дар натиҷаи сӯхтор 112 нафар фавтидааст. 240 нафар дараҷаҳои гуногуни ҷароҳати сӯхторро гирифтаанд. Дар натиҷаи заҳролуд шудан аз иси газ 125 нафар аз олам чашм пӯшид, ба 115 нафар ёрии таъҷилӣ расонда шуд.

Ҳамватанон ва шаҳрвандони арҷманд! Ба қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор риоя карда, худ ва наздиконро аз сӯхтор эҳтиёт кунед!

**Сарвар АМАНТУРДИЕВ,**
**инспектори шуъбаи назорат ва профилактикаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтори Маркази маърифати ҷумҳурӣ.**

# ТАДҚИҚОТЧИИ БУХОРОӢ – ҒОЛИБИ ОЗМУНИ БАЙНАЛХАЛҚӢ




***Дар маҷлисгоҳи Донишгоҳи байналхалқии Ӯзбекистон – Куриё (KIUF)-и вилояти Фарғона маросими ҳавасмандгардонии ғолибони озмуни анъанавии «Тадқиқотчии беҳтарини илмӣ» байни намояндагони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба амал омад.***

Омӯзгори калони кафедраи «Тиббиёти реабилитологияҳо, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ»-и Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро Содиқ Қазоқов низ бо мақолааш ба забони англисӣ «Methods of teaching badmintonin sport classes» иштирок намуда, ғолиби озмун гардид ва бо нишони сарисинагию сертификат тақдир ёфт. Мукофотро ба вай ректори таълимгоҳи олӣ Шӯҳрат Тешаев супурд.

Бояд таъкид намуд, ки дар ин озмун қариб 1500 нафар пажӯҳишгарон бо мақолаҳояшон иштирок намуда, аз байни онҳо 150-то беҳтаринашон интихоб гардида буданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4914 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.